# Tajik State University of Commerce

**Course name: Circular Economy Fundamentals**

**Week 11:** Financing Circular Economy Initiatives and Investment Tools

**Lecturer:** Professor Kadyrova Zarrina Halimovna

# Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон

**Номи фан: Асосҳои иқтисодиёти даврӣ**

**МАВЗӮИ 11:** Маблағгузории ташаббусҳо дар соҳаи иқтисоди даврӣ ва инструментҳои сармоягузорӣ

**Омӯзгор:** профессор Қодирова Заррина Ҳалимовна

2. https://minpriroda.gov.by/printv/ru/news-ru/view/v-belarusi-utverzhdena-natsionalnaja-strategija-razvitija-ekonomiki-zamknutogo-tsikla-5818/

## Нақшаи лексия:

1. Асосҳои назариявии маблағгузории иқтисоди даврӣ ва нақши он дар рушди устувор
2. Воситаҳои молиявии дастгирии иқтисоди даврӣ ва маблағгузории сабз
3. Меъёрҳои ESG (экологӣ, иҷтимоӣ ва идоракунӣ) ва сармоягузории таъсиррасон дар низоми молиявии муосир
4. Идоракунии хавфҳо, баҳодиҳии самаранокӣ ва дурнамои рушди маблағгузории иқтисоди даврӣ

## Мақсади лексия:

Ташаккул додани донишҳои назариявӣ ва малакаҳои таҳлилии донишҷӯён оид ба асосҳои маблағгузории иқтисоди даврӣ, воситаҳои молиявии дастгирии рушди устувор, нақши меъёрҳои ESG (экологӣ, иҷтимоӣ ва идоракунӣ) ва сармоягузории таъсиррасон дар низоми молиявии муосир, инчунин омӯзиши механизмҳои идоракунии хавфҳо, баҳодиҳии самаранокӣ ва дурнамои рушди маблағгузории устувор дар шароити иқтисодиёти ҷаҳонӣ.

## Вазифаи лексия

- омӯзиши асосҳои назариявии иқтисоди даврӣ ва нақши маблағгузорӣ дар рушди устувор;
- баррасии воситаҳои асосии молиявии дастгирии иқтисоди даврӣ ва маблағгузории сабз;
- таҳлили аҳамияти меъёрҳои ESG (экологӣ, иҷтимоӣ ва идоракунӣ) ва сармоягузории таъсиррасон дар низоми молиявии муосир;
- омӯзиши усулҳои идоракунии хавфҳо, баҳодиҳии самаранокӣ ва дурнамои рушди маблағгузории устувор.

Пас аз анҷоми лексия, донишҷӯён бояд:

- моҳият ва аҳамияти маблағгузории иқтисоди даврӣ ва рушди устуворро шарҳ дода тавонанд;
- воситаҳои асосии молиявии дастгирии иқтисоди даврӣ ва маблағгузории сабзро тавсиф намоянд;
- нақш ва аҳамияти меъёрҳои ESG (экологӣ, иҷтимоӣ ва идоракунӣ) ва сармоягузории таъсиррасонро дар қабули қарорҳои сармоягузорӣ арзёбӣ кунанд; 1
- хавфҳои асосии экологӣ, иҷтимоӣ ва идоракуниро муайян намуда, усулҳои идоракунии онҳоро шарҳ диҳанд;
- самаранокӣ ва дурнамои рушди маблағгузории иқтисоди давриро дар шароити иқтисодиёти муосир таҳлил намоянд.

## 1. Асосҳои назариявии маблағгузории иқтисоди даврӣ ва нақши он дар рушди устувор

Дар шароити муосир маблағгузории иқтисоди даврӣ ҳамчун ҷузъи муҳими маблағгузории устувор (Sustainable Finance) баррасӣ мегардад. Маблағгузории устувор равандест, ки ҳангоми қабули қарорҳои сармоягузорӣ на танҳо омилҳои иқтисодӣ, балки таъсири экологӣ ва иҷтимоӣ низ ба назар гирифта мешаванд. Ин равиш имкон медиҳад, ки рушди иқтисодӣ бо ҳифзи муҳити зист ва баланд бардоштани сатҳи зиндагии аҳолӣ ҳамоҳанг карда шавад.

# Гузариш ба иқтисоди даврӣ сармоягузориҳои бузургро тақозо мекунад




**Омили асосӣ:**

Тағйирёбии иқлим, афзоиши офатҳои табиӣ ва камшавии захираҳо нишон медиҳанд, ки моделҳои анъанавӣ дигар кор намекунанд. Барои технологияҳои инноватсионӣ ва инфрасохтори нав захираҳои бузурги молиявӣ заруранд.

NotebookLM

# Меъмории маблағгузории устувор дар иқтисодиёти ҷаҳонӣ




Маблағгузории иқтисоди даврӣ ҷузъи ҷудонашавандаи низоми молиявии муосир буда, вобастагиро аз захираҳои маҳдуд коҳиш медиҳад ва амнияти иқтисодиро таъмин мекунад.

NotebookLM

## 2. Воситаҳои молиявии дастгирии иқтисоди даврӣ ва маблағгузории сабз

Дар шароити муосири рушди иқтисодиёти ҷаҳонӣ татбиқи принсипҳои иқтисоди даврӣ ва гузариш ба модели рушди устувор бе ҷалби захираҳои молиявии зарурӣ ғайриимкон мебошад. Барои рушди технологияҳои каммасраф, истифодаи манбаъҳои барқароршавандаи энергия, коркарди дубораи партовҳо ва истеҳсоли маҳсулоти экологӣ сармоягузориҳои назаррас талаб карда мешаванд. Аз ин рӯ, дар таҷрибаи байналмилалӣ маҷмӯи воситаҳои молиявӣ ташаккул ёфтааст, ки ба маблағгузории лоиҳаҳои экологӣ ва ташаббусҳои иқтисоди даврӣ равона шудаанд. Барои дарки беҳтари низоми маблағгузории иқтисоди даврӣ пеш аз ҳама воситаҳои асосии молиявии истифодашавандаро баррасӣ менамоем.

# Воситаҳои асосии молиявӣ барои ҷалби сармояи сабз

### Облигатсияҳо ва Қарзҳои сабз

**Ҳадаф:** Ҷалби сармоя.
**Самт:** Энергетикаи сабз, панелҳои офтобӣ, идоракунии партовҳо.

### Фондҳои устувор ва таъсиррасон

**Ҳадаф:** Фоидаи молиявӣ + иҷтимоӣ.
**Самт:** Лоиҳаҳои ESG, ширкатҳои устувор.

### Маблағгузории омехта

**Ҳадаф:** Ҷалби сармояи давлатӣ ва хусусӣ.
**Самт:** Коҳиш додани хавфҳо дар лоиҳаҳои бузурги инфрасохторӣ.

### Маблағгузории карбон ва Green FinTech

**Ҳадаф:** Савдои квотаҳо ва рақамикунонӣ.
**Самт:** Иқтисодиёти камкарбон, мониторинги рақамӣ.

NotebookLM

Тавре ки аз ҷадвал бармеояд, ҳар як воситаи молиявӣ вазифаи махсус дошта, барои татбиқи ҳадафҳои иқтисоди даврӣ ва рушди устувор истифода мешавад. Яке аз воситаҳои муҳимтарини маблағгузории сабз облигатияҳои сабз (Green Bonds) мебошанд. Облигацияҳои сабз коғазҳои қиматноке мебошанд, ки барои ҷалби сармоя ба лоиҳаҳои дорои манфиатҳои экологӣ баровара мешаванд. Маблағҳои ҷалбшуда одатан барои рушди энергетикаи барқароршаванда, баланд бардоштани самаранокии энергетикӣ, идоракунии партовҳо, ҳифзи захираҳои об ва коҳиши партовҳои газҳои гулхонаӣ истифода мешаванд.

Аввалин облигатсияҳои сабз соли 2007 аз ҷониби Бонки Сармоягузории Аврупо (European Investment Bank) бароварда шуданд. Баъдан ин воситаи молиявӣ дар тамоми ҷаҳон паҳн гардид. Имрӯз бозори облигацияҳои сабз яке аз бозорҳои босуръат рушдёбандаи молиявӣ ба ҳисоб меравад. Воситаи дигари муҳими маблағгузорӣ қарзҳои сабз (Green Loans) мебошанд. Қарзҳои сабз аз ҷониби бонкҳо ва муассисаҳои молиявӣ барои татбиқи лоиҳаҳое пешниҳод мешаванд, ки ба беҳтар гардидани вазъи муҳити зист мусоидат менамоянд. Корхонаҳо метавонанд чунин қарзҳоро барои харидории таҷҳизоти каммасраф, насби панелҳои офтобӣ, коркарди дубораи партовҳо ва баланд бардоштани самаранокии истеҳсолот истифода намоянд.

Дар солҳои охир фондҳои устувор (Sustainable Funds) низ мавқеи муҳимро ишғол намудаанд. Ин фондҳо сармояи худро ба ширкатҳо ва лоиҳаҳое равона менамоянд, ки ба талаботи рушди устувор ҷавобгӯ мебошанд. Ҳангоми интихоби объектҳои сармоягузорӣ чунин фондҳо ба омилҳои экологӣ, иҷтимоӣ ва идоракунӣ диққати махсус медиҳанд. Яке аз самтҳои босуръат рушдёбандаи маблағгузории устувор сармоягузории таъсиррасон (Impact Investing) мебошад. Ҳадафи асосии чунин сармоягузорӣ гирифтани фоидаи молиявӣ дар якҷоягӣ бо ба даст овардани натиҷаҳои мусбати иҷтимоӣ ва экологӣ мебошад.

Дар доираи чунин сармоягузорӣ маблағҳо ба ширкатҳо ва лоиҳаҳое равона карда мешаванд, ки ба коҳиши ифлосшавии муҳити зист, сарфаи захираҳо ва беҳтар гардидани сатҳи зиндагии аҳолӣ мусоидат менамоянд. Маблағгузории иқлимӣ (Climate Finance) низ яке аз воситаҳои муҳими дастгирии иқтисоди даврӣ ба ҳисоб меравад. Ин намуди маблағгузорӣ барои татбиқи чорабиниҳое истифода мешавад, ки ба коҳиш додани таъсири тағйирёбии иқлим ва мутобиқшавӣ ба он равона шудаанд. Ташкилотҳои байналмилалӣ ҳамасола миллиардҳо долларро барои маблағгузории чунин лоиҳаҳо ҷудо менамоянд.

Дар амалияи байналмилалӣ механизми маблағгузории омехта (Blended Finance) низ васеъ истифода мешавад. Моҳияти ин механизм дар муттаҳид намудани сармояи давлатӣ, хусусӣ ва маблағҳои ташкилотҳои байналмилалӣ ифода меёбад. Ин усул имкон медиҳад, ки хавфҳои сармоягузорӣ коҳиш ёфта, ҷалби сармоя ба лоиҳаҳои иқтисоди даврӣ осонтар гардад. Яке аз воситаҳои нисбатан нави молиявӣ маблағгузории карбон (Carbon Finance) мебошад. Ин восита ба савдои квотаҳои партовҳои карбон асос ёфтааст. Корхонаҳое, ки ҳаҷми партовҳои худро кам менамоянд, метавонанд ҳуқуқҳои иловагии партовро ба дигар ширкатҳо фурӯшанд. Ин механизм ширкатҳоро барои коҳиши таъсири манфии экологӣ ҳавасманд месозад. Дар солҳои охир технологияҳои рақамӣ низ ба рушди маблағгузории устувор таъсири назаррас расонидаанд. Пайдоиши Green FinTech имконият медиҳад, ки равандҳои ҷалби сармоя, мониторинги лоиҳаҳо ва арзёбии натиҷаҳои экологӣ самаранoктар гарданд.


Таҷрибаи байналмилалии татбиқи воситаҳои молиявии сабз
European Investment Bank
Green Bonds
(Энергетикаи сабз)
Apple Inc.
Green Bonds
(Кам кардани партовҳои карбон)
World Bank
Climate Finance
(Лоиҳаҳои иқлимӣ)
EBRD
Green Loans
(Технологияҳои каммасраф)
European Union
Blended Finance
(European Green Deal)
Намунаи беҳтарин: Philips. Истифодаи модели Product as a Service (Маҳсулот ҳамчун хизматрасонӣ). Ба ҷои фурӯши таҷҳизот, пешниҳоди хизматрасонӣ ва истифодаи дубораи он.
NotebookLM

Мисоли муваффақи татбиқи воситаҳои молиявии иқтисоди даврӣ фаъолияти ширкати Philips мебошад. Ширкат модели «Product as a Service»-ро ҷорӣ намуда, ба ҷои фурӯши таҷҳизот хизматрасонӣ пешниҳод мекунад. Ин равиш имкон медиҳад, ки таҷҳизот баъд аз анҷоми муҳлати истифода аз нав коркард ё барқарор карда шавад. Дар баробари афзалиятҳо, истифодаи воситаҳои молиявии иқтисоди даврӣ бо мушкилоти муайян низ рӯ ба рӯ мебошад. Набудани стандартҳои ягонаи байналмилалӣ, сатҳи пасти рушди бозорҳои молиявӣ дар баъзе кишварҳо, норасоии иттилоот ва хавфи «сабзнамоӣ» (greenwashing) метавонанд самаранокии маблағгузории устуворро маҳдуд созанд.

Ҳамин тариқ, облигацияҳои сабз, қарзҳои сабз, фондҳои устувор, сармоягузории таъсиррасон, маблағгузории иқлимӣ, маблағгузории омехта, маблағгузории карбон ва технологияҳои Green FinTech аз ҷумлаи воситаҳои муҳими молиявии дастгирии иқтисоди даврӣ ба ҳисоб меравaнд. Истифодаи самараноки онҳо имконият медиҳад, ки гузариш ба модели рушди устувор суръат гирифта, истифодаи оқилонаи захираҳо, ҳифзи муҳити зист ва рушди иқтисодии дарозмуддат таъмин карда шавад.

## 3.Нақши ESG дар рушди маблағгузории устувор

Пайдоиши меъёрҳои ESG ба рушди консепсияи маблағгузории устувор алоқаманд мебошад. Дар солҳои охири асри XX ва ибтидои асри XXI сармоягузорон тадриҷан ба хулоса омаданд, ки натиҷаҳои молиявии ширкатҳо танҳо аз нишондиҳандаҳои иқтисодӣ вобаста нестанд. Масъалаҳои экологӣ, муносибат бо кормандон, сатҳи шаффофияти идоракунӣ ва масъулияти иҷтимоӣ низ метавонанд ба фаъолияти дарозмуддати ширкат таъсири ҷиддӣ расонанд. Аз ин рӯ, ҳангоми қабули қарорҳои сармоягузорӣ ба ғайр аз нишондиҳандаҳои молиявӣ омилҳои ESG низ ба назар гирифта мешаванд.

Тибқи маълумоти Созмони Милали Муттаҳид, ворид намудани меъёрҳои ESG ба фаъолияти ташкилотҳо метавонад ба коҳиши хавфҳои молиявӣ, баланд гардидани эътимоди сармоягузорон ва беҳтар шудани нишондиҳандаҳои устувории корпоративӣ мусоидат намояд.


Сохтори ESG ҳамчун қутбнамои сармоягузории муосир
Муҳити зист (E)
• Партовҳои карбон, истифодаи энергия, идоракунии партовҳо.
Масъалаҳои иҷтимоӣ (S)
• Ҳуқуқи кормандон, амнияти меҳнат, ҳифзи истеъмолкунандагон.
Идоракунии корпоративӣ (G)
• Шаффофият, сиёсати зиддикоррупсионӣ, ҳуқуқи саҳмдорон.
ESG хавфҳои молиявиро коҳиш дода, эътимоди сармоягузоронро баланд мебардорад. (Намуна: BlackRock, Microsoft).
NotebookLM

Тавре ки аз ҷадвал бармеояд, ESG тамоми самтҳои асосии фаъолияти устувори ширкатро дар бар мегирад ва барои баҳодиҳии ҳамаҷонибаи фаъолияти ташкилот истифода мешавад.

Яке аз воситаҳои муҳими маблағгузории устувор арзёбии ESG (ESG Assessment) мебошад. Ин раванд имкон медиҳад, ки фаъолияти ширкат аз нуқтаи назари экологӣ, иҷтимоӣ ва идоракунӣ таҳлил карда шавад. Натиҷаҳои чунин арзёбӣ ба сармоягузорон барои муайян намудани сатҳи хавфҳо ва имкониятҳои сармоягузорӣ кӯмак мерасонанд.

Дар амалия бисёр ташкилотҳои байналмилалӣ рейтингҳои ESG (ESG Rating)-ро таҳия менамоянд. Рейтингҳо нишон медиҳанд, ки фаъолияти ширкат то чӣ андоза ба принсипҳои рушди устувор ҷавобгӯ мебошад. Ширкатҳое, ки рейтинги баланди ESG доранд, одатан имкониятҳои беҳтари ҷалби сармоя ва сатҳи баланди эътимоди сармоягузоронро соҳиб мегарданд.

Ҳисоботдиҳии ESG (ESG Reporting) яке аз воситаҳои муҳими таъмини шаффофияти фаъолияти корпоративӣ мебошад. Тавассути чунин ҳисобот ширкатҳо маълумотро оид ба фаъолияти экологӣ, иҷтимоӣ ва идоракунии худ пешниҳод менамоянд.

# Забони ягонаи шаффофият дар бозорҳои молиявӣ




Стандартҳо муқоисаи фаъолияти ширкатҳоро дар бозори молиявӣ осон ва шаффоф мегардонанд.

NotebookLM

Истифодаи ин стандартҳо ба баланд гардидани шаффофияти бозорҳои молиявӣ ва беҳтар шудани муқоисаи фаъолияти ширкатҳо мусоидат менамояд.

Дар солҳои охир сармоягузории таъсиррасон (Impact Investing) ба яке аз самтҳои босуръат рушдёбандаи маблағгузории устувор табдил ёфтааст. Ҳадафи асосии он гирифтани фоидаи молиявӣ ва ҳамзамон ба даст овардани натиҷаҳои мусбати иҷтимоӣ ва экологӣ мебошад.

# Эволютсияи тафаккури сармоягузорӣ

| Сармоягузории анъанавӣ | | Сармоягузории таъсиррасон (Impact Investing) | |
|---|---|---|---|
| **Ҳадаф:** | Максимизатсияи фоида | **Ҳадаф:** | Фоида + Таъсири иҷтимоӣ/экологӣ |
| **Арзёбӣ:** | Танҳо нишондиҳандаҳои молиявӣ (ROI) | **Арзёбӣ:** | Молиявӣ ва иҷтимоӣ (ROI ва SROI) |
| **Таъсири экологӣ:** | Дуюмдараҷа | **Таъсири экологӣ:** | Яке аз ҳадафҳои асосӣ |
| **Давра:** | Кӯтоҳмуддат | **Давра:** | Дарозмуддат |

NotebookLM

Тавре ки аз ҷадвал бармеояд, сармоягузории таъсиррасон аз сармоягузории анъанавӣ бо он фарқ мекунад, ки натиҷаҳои иҷтимоӣ ва экологӣ низ ҳамчун ҳадафи асосии сармоягузорӣ арзёбӣ мегарданд.

Имрӯз бисёр ширкатҳои бузурги ҷаҳонӣ стратегияҳои ESG-ро фаъолона истифода мебаранд. Аз ҷумла, BlackRock, Microsoft, Unilever ва Nestlé меъёрҳои ESG-ро ба низоми идоракунӣ ва сиёсати сармоягузории худ ворид намудаанд. Таҳқиқотҳои Harvard Business School нишон медиҳанд, ки ширкатҳои дорои нишондиҳандаҳои баланди ESG нисбат ба дигар ширкатҳо қобилияти бештари ҷалби сармоя ва нигоҳ доштани суботи молиявиро доранд.

Ҳамин тариқ, меъёрҳои ESG ва сармоягузории таъсиррасон ба яке аз самтҳои калидии рушди низоми молиявии муосир табдил ёфтаанд. Онҳо имкон медиҳанд, ки фаъолияти иқтисодӣ бо ҳадафҳои рушди устувор мутобиқ гардида, ҳамзамон самаранокии молиявӣ, ҳифзи муҳити зист ва рушди иҷтимоӣ таъмин карда шавад. Дар шароити муосир истифодаи меъёрҳои ESG ба воситаи муҳими баланд бардоштани рақобатпазирии ширкатҳо ва ҷалби сармоягузориҳои дарозмуддат табдил ёфтааст.


Хавфҳои иқлимӣ мустақиман ба хавфҳои сармоягузорӣ табдил ёфтаанд
Хавфи иқлимӣ (Офатҳои табиӣ)
Хавфи гузариш (Модели камкарбон)
Хавфи иҷтимоӣ (Нобаробарӣ)
Хавфи идоракунӣ (Коррупсия)
Хавфи бозорӣ (Тағйирёбии нархҳо)
Хавфи обрӯ (Паст шудани эътибор)
"Climate Risk is Investment Risk."
– BlackRock
NotebookLM

# 4. Идоракунии хавфҳо, баҳодиҳии самаранокӣ ва дурнамои рушди маблағгузории иқтисоди даврӣ

Дар шароити муосири рушди иқтисодиёти ҷаҳонӣ маблағгузории иқтисоди даврӣ ва ташаббусҳои рушди устувор на танҳо имкониятҳои нави сармоягузориро фароҳам меоранд, балки бо хавфҳои муайяни иқтисодӣ, экологӣ, иҷтимоӣ ва институтсионалӣ низ алоқаманд мебошанд. Аз ин рӯ, масъалаҳои идоракунии хавфҳо, баҳодиҳии самаранокии сармоягузорӣ ва муайян намудани дурнамои рушди маблағгузории устувор ба яке аз самтҳои муҳими фаъолияти ташкилотҳои молиявӣ табдил ёфтаанд.

# Моҳият ва аҳамияти идоракунии хавфҳо

Идоракунии хавфҳо (Risk Management) маҷмӯи усулҳо ва чорабиниҳое мебошад, ки барои муайян намудан, арзёбӣ кардан, назорат ва коҳиш додани хавфҳои эҳтимолӣ истифода мешаванд. Дар доираи маблағгузории иқтисодии даврӣ идоракунии хавфҳо барои ҳифзи манфиатҳои сармоягузорон, таъмини суботи молиявӣ ва баланд бардоштани самаранокии лоиҳаҳо аҳамияти калон дорад.

Бо рушди маблағгузории устувор доираи хавфҳои анъанавии молиявӣ васеъ гардидааст. Имрӯз ташкилотҳои молиявӣ бояд на танҳо хавфҳои иқтисодӣ, балки таъсири омилҳои экологӣ, иҷтимоӣ ва идоракуниро низ ба назар гиранд.

| Навъи хавф | Мазмун |
|---|---|
| Хавфи иқлимӣ (Climate Risk) | Хавфҳое, ки дар натиҷаи тағйирёбии иқлим, хушксолӣ, обхезӣ ва дигар офатҳои табиӣ ба вуҷуд меоянд |
| Хавфи гузариш (Transition Risk) | Хавфҳое, ки ҳангоми гузариши иқтисодиёт ба модели рушди камкарбон ба вуҷуд меоянд |
| Хавфи иҷтимоӣ (Social Risk) | Вайроншавии ҳуқуқи кормандон, нобаробарии иҷтимоӣ ва мушкилоти иҷтимоӣ |
| Хавфи идоракунӣ (Governance Risk) | Коррупсия, шаффоф набудани фаъолият ва идоракунии ғайрисамаранок |
| Хавфи бозорӣ (Market Risk) | Тағйирёбии нархҳо, талабот ва вазъи бозор |
| Хавфи обрӯ (Reputational Risk) | Паст шудани эътибори ширкат дар назди ҷомеа ва сармоягузорон |

Яке аз хавфҳои муҳимтарини замони муосир хавфи иқлимӣ мебошад. Тибқи таҳқиқоти Хазинаи Байналмилалии Асъор (IMF), тағйирёбии иқлим метавонад ба яке аз манбаъҳои асосии ноустувории молиявии ҷаҳонӣ табдил ёбад. Зарарҳое, ки аз обхезӣ, хушксолӣ, сӯхторҳои ҷангал ва дигар офатҳои табиӣ ба вуҷуд меоянд, метавонанд ба фаъолияти ширкатҳо ва бозорҳои молиявӣ таъсири ҷиддӣ расонанд. Дар баробари ин, хавфи гузариш низ аҳамияти калон дорад. Масалан, ширкатҳое, ки фаъолияти онҳо ба истифодаи ангишт, нафту газ вобаста мебошад, метавонанд дар натиҷаи сиёсати коҳиши партовҳои карбон ва ҷорӣ гардидани андозҳои экологӣ бо мушкилоти иқтисодӣ рӯ ба рӯ шаванд.

# Усулҳои идоракунии хавфҳо




Баҳодиҳии самаранокии воқеии лоиҳаҳои иқтисоди даврӣ
Муайян менамояд, ки ҳар як воҳиди сармоягузорӣ ба ҷомеа чӣ қадар арзиши иҷтимоӣ меорад.
ROI
Даромаднокии сармоягузорӣ
SROI
Самаранокии иҷтимоӣ
Carbon/Resources
Коҳиши партовҳои карбон ва самаранокии захираҳо
Circularity
Сатҳи коркарди дубора ва дараҷаи даврият
NotebookLM

Масалан, агар лоиҳаи коркарди дубораи пластик имконият диҳад, ки ҳаҷми партовҳо 40 фоиз коҳиш ёфта, хароҷоти истеҳсолӣ кам гардад, чунин лоиҳа ҳам аз нуқтаи назари иқтисодӣ ва ҳам аз нуқтаи назари экологӣ самаранок ҳисобида мешавад.

Дар солҳои охир нишондиҳандаи SROI аҳамияти махсус пайдо кардааст. Ин нишондиҳанда муайян менамояд, ки ҳар як воҳиди сармоягузорӣ ба ҷомеа чӣ қадар арзиши иҷтимоӣ меорад.

# Мушкилоти баҳодиҳӣ ва идоракунии хавфҳо

# Мушкилот ва монеаҳо дар роҳи рушди маблағгузории сабз



**Набудани стандартҳои ягонаи байналмилалӣ ва мушкилоти муқоиса.**

Standardization gaps hinder comparability.

**Мушкилоти ҷамъоварии маълумоти саҳеҳи ESG ва норасоии мутахассисон.**

Challenges in accurate ESG data collection and expert shortage.

**Хавфи Сабзнамоӣ (Greenwashing) - ширкатҳое, ки дар амал ба талаботи рушди устувор ҷавобгӯ нестанд.**

Risk of Greenwashing - companies not genuinely meeting sustainability criteria.

NotebookLM


Дурнамои рушд тавассути ҳамгироии технологияҳои рақамӣ
Big Data
Big Data
Барои таҳлили амиқ ва дақиқи нишондиҳандаҳои ESG.
Зеҳни сунъӣ (AI)
Зеҳни сунъӣ (AI)
Пешгӯии пешакӣ ва арзёбии дақиқи хавфҳои экологӣ ва иҷтимоӣ.
Green FinTech
Green FinTech
Суръатбахшӣ ва шаффофияти ҷалби сармоя ба воситаҳои молиявии устувор.
Технология сифати қабули қарорҳои сармоягузориро ба куллӣ тағйир медиҳад.
NotebookLM


Экосистемаи ягонаи маблағгузории иқтисоди даврӣ
Сармоя (Capital)
Воситаҳо (Instruments)
Green Bonds, Impact Funds
Натиҷа (ROI & SROI)
Муҳофизат (Risk Management)
Қутбнамо (ESG & Standards)
Ҳадафи ниҳоӣ: Таъмини рушди иқтисодӣ, ҳифзи муҳити зист ва баланд бардоштани сатҳи зиндагӣ тавассути сармояи оқилона.
NotebookLM

Технологияҳои рақамӣ имрӯз имконият медиҳанд, ки ҳаҷми бузурги маълумот дар бораи фаъолияти ширкатҳо коркард гардида, хавфҳои экологӣ ва иҷтимоӣ пешакӣ пешгӯӣ карда шаванд. Ин раванд сифати қабули қарорҳои сармоягузориро беҳтар менамояд.

Идоракунии хавфҳо, баҳодиҳии самаранокӣ ва муайян намудани дурнамои рушд аз ҷумлаи унсурҳои асосии маблағгузории иқтисоди даврӣ ба ҳисоб мераванд. Арзёбии дурусти хавфҳо, истифодаи нишондиҳандаҳои муосири самаранокӣ ва татбиқи технологияҳои нав имконият медиҳанд, ки сармоягузориҳои устувор самаранoктар гардида, ба рушди иқтисодӣ, ҳифзи муҳити зист ва баланд гардидани сатҳи зиндагии аҳолӣ мусоидат намоянд.

# МАБЛАҒГУЗОРӢ – ОМИЛИ КАЛИДИИ РУШДИ ИҚТИСОДИ ДАВРӢ



Дар солҳои охир иқтисоди даврӣ ба яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати иқтисодии бисёр кишварҳо табдил ёфтааст. Иттиҳоди Аврупо, Чин, Ҷопон ва як қатор давлатҳои дигар стратегияҳои махсуси рушди иқтисоди давриро кабул намудаанд. Ин стратегияҳо ба рушди технологияҳои тоза, баланд бардоштани самаранокии истифодаи захи[illegible] низоми муосири идоракунии партовҳо равона шуудадн.

Барои кишварҳои [illegible] рӯ ба рушд иқтисоди даврӣ аҳамияти махсус дорад. Истифодаи самараноки захираҳо, кам кардани талафоти истеҳсолӣ ва ҷорӣ намудани технологияҳои инноватсионӣ метавонанд ба баланд гардидани рақобатпазирии иқтисоди миллӣ [illegible] мусоидат намоянд. Ҳамзамон рушди иқтисоди даврӣ имконият мевидаД, ки вобастагӣ аз захираҳои маҳдуд коҳиш ёфта, сатҳи амнияти иқтисодӣ баланд гардад.

## ЧАРО МАБЛАҒГУЗОРӢ МУҲИМ АСТ?

- Татбиқи технологияҳои тоза ва инноватсионӣ
- Баланд бардоштани самаранокии истифодаи захираҳо
- Коркарди дубораи партовҳо ва кам кардани ифлосшавӣ
- Баланд бардоштани рақобатпазирӣ ва амнияти иқтисодӣ
- Эҷоди ҷойҳои нави корӣ ва рушди иқтисодӣ

**МАБЛАҒГУЗОРӢ** →

## ВОСИТАҲОИ МАБЛАҒГУЗОРИИ ИҚТИСОДИ ДАВРӢ

| Воситаи молиявӣ | Мазмун | Самтҳои асосии истифода |
|---|---|---|
| Облигацияҳои сабз (Green Bonds) | Коғазҳои қиматнок барои маблағгузории лоиҳаҳои экологӣ | Энергетикаи сабз, нақлиёти сабз, идоракунии партовҳо |
| Қарзҳои сабз (Green Loans) | Қарзҳо аз бонкҳо барои лоиҳаҳои экологӣ | Технологияҳои каммасраф, энергияи барқароршаванда |
| Фондҳои устувор (Sustainable Funds) | Фондҳо барои сармоягузорӣ ба ширкатҳои устувор | Лоиҳаҳои рушди устувор ва технологияҳои сабз |
| Сармоягузории таъсиррасон (Impact Investing) | Сармоягузорӣ бо ҳадафи фоида ва таъсири иҷтимоӣ/экологӣ | Лоиҳаҳои иҷтимоӣ ва экологӣ |
| Маблағгузории иқлимӣ (Climate Finance) | Маблағ барои чорабиниҳо оид ба тағйирёбии иқлим | Коҳиши партовҳои карбон, мутобиқшавӣ ба тағйирёбӣ |
| Маблағгузории омехта (Blended Finance) | Муттаҳидсозии сармояи давлатӣ, хусусӣ ва байналмилалӣ | Лоиҳаҳои бузурги экологӣ ва инфрасохторӣ |
| Маблағгузории карбон (Carbon Finance) | Савдои квотаҳои карбон ва сертификатҳои экологӣ | Иқтисодиёти камкарбон, коҳиши партовҳо |
| Green FinTech | Технологияҳои рақамӣ барои ҷалби сармоя ва мониторинг | Платформаҳои рақамӣ, блокчейн, мониторинг |

## САРЧАШМАҲОИ МАБЛАҒГУЗОРӢ

- Буҷети давлатӣ ва фондҳои экологӣ
- Ташкилотҳои байналмилалӣ (Бонки Ҷаҳонӣ, UNDP, EBRD ва ғ.)
- Бонкҳо ва институтҳои молиявӣ
- Сармоягузорони хусусӣ ва корпоратсионӣ
- Шарикӣ бо бахши хусусӣ (PPP)
- Облигацияҳои сабз ва фондҳои сармоягузории сабз

## РАВАНДИ МАБЛАҒГУЗОРИИ ЛОИҲАИ ИҚТИСОДИ ДАВРӢ




## НАТИҶАҲОИ МУСБАТ АЗ МАБЛАҒГУЗОРӢ

- Коҳиши ифлосшавии муҳити зист
- Сарфаи захираҳои табиӣ
- Кам кардани хароҷоти истеҳсолӣ
- Баланд гардидани амнияти иқтисодӣ
- Таъмини рушди устувор ва некӯаҳволии аҳолӣ

## ТАЪСИРИ МУҲИМ БА ИҚТИСОДИ МИЛЛӢ




**Маблағгузории самаранок – асоси рушди иқтисоди даврӣ ва ояндаи устувори кишварҳо!**

**Адабиёт**


1. Kirchherr, J., Reike, D., & Hekkert, M. (2017). Conceptualizing the Circular Economy: An Analysis of 114 Definitions. Resources, Conservation and Recycling, 127, 221–232.
2. Ellen MacArthur Foundation (2015). Towards the Circular Economy: Economic and Business Rationale for an Accelerated Transition.
3. Geissdoerfer, M., Savaget, P., Bocken, N. M. P., & Hultink, E. J. (2017). The Circular Economy – A New Sustainability Paradigm? Journal of Cleaner Production, 143, 757–768.
4. World Bank (2023). State and Trends of Carbon Pricing Report.
5. United Nations Environment Programme Finance Initiative (2024). Principles for Responsible Banking and Sustainable Finance Reports.
6. Friede, G., Busch, T., & Bassen, A. (2015). ESG and Financial Performance: Aggregated Evidence from More than 2000 Empirical Studies. Journal of Sustainable Finance & Investment, 5(4), 210–233.
7. Global Impact Investing Network (2024). Annual Impact Investor Survey.
8. Organisation for Economic Co-operation and Development (2024). Financing the Circular Economy: Policy and Practice.
9. Roncalli, T. (2020). Handbook of Sustainable Finance. Chapman & Hall/CRC.
10. International Energy Agency (2023). World Energy Investment Report.

**Ташаккур ба диққататон!**